# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна (Умарализода Таҳмина Мирзоали) «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Баррасии таҳаввул ва ташаккули истилоҳот бисёр самтҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоиро дар баробари нишон додани вижагиҳои забон, ҳамчунин, дараҷаи рушди ин ва ё он соҳаро дар марҳилаҳои мухталифи шаклгирии халқияту миллатҳо метавонад рӯнамо созад. Умуман, ҳама гуна луғату истилоҳот дар ҳеҷ забон муддати дароз собиту бетағйир намемонад. Ҳар як андешаи нави маънавӣ ва ҳар як падидаи тоза, ки дар ҷомеа ба вуқуъ меояд, таҳаввул ва дигаргуниҳои он дар низоми вожасозӣ ва истилоҳии ҷории забони ҳар як қавму миллат ифодаи навинро ба амал меоварад. Ин андешаву афкори нави иҷтимоиву сиёсӣ ва мафҳумҳои навин, ки тадриҷан дар қолаби луғату истилоҳот баён мешаванд, агар парвардаи зеҳн ва сохти андешаи миллат бошад, равшан аст, ки эътибору иқтидори миллат ва ғановати забон мегарданд. Аз оғози пайдоиши худ забони форсии дарӣ ба ғайр аз назму наср, ҳамчунин дар баёни илму фан, фалсафаву адаб, мавзуъҳои иҷтимоиву сиёсӣ, фаъолиятҳои идориву ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ба кор рафтааст. Гувоҳи ин гуфтаҳо китобҳо ва таълифоти фаровонест, ки дар ҳар яки ин риштаҳо навишта шуда, то имрӯз маҳфуз мондаанд.

**Навгонии диссертатсияи** мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии ватаниву хориҷӣ бо диду назари тоза ва бо шарҳу тафсироташ истилоҳоти марбути кишоварзӣ аз ҷониби муҳаққиқ хело ҳам ба маврид таҳқиқ гардидааст.

Дар кори диссертатсионии мазкур шарҳу тавзеҳи забоншиносӣ ва решашиносии истилоҳоти кишоварзӣ бори нахуст дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси маводи фарҳангномаҳои муосири тафсирии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу баррасӣ шуда, ҳамчунин тавсифи сохторӣ-маънoии истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

**Мавод ва матолиби** диссертатсияи мазкур метавонад дар оянда зимни таҳқиқоти умумӣ ва густардаи марбут ба услуби ягон рисола ва ё кори таҳқиқотӣ, дар таърихи ташаккул ва таҳаввули услуби забони форсии

мовароуннаҳрӣ (тоҷикӣ), ҳамчунин таълиму тадриси таърихи забон ва забоншиносии муқоисавӣ, истилоҳшиносӣ ва курсу семинарҳои тахассусӣ дар мактабҳои олӣ ва таълифи барномаҳову дастурҳо ва васоити таълимӣ оид ба ин фанҳо истифода гардад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он аст, ки хулосаву натиҷаҳои бадастомада ҳамчун сарчашма барои омӯзиши минбаъдаи истилоҳоти кишоварзӣ метавонад, мавриди истифодаи васеъ қарор дода шавад.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, он фарогирӣ 183 саҳифаи компютерӣ мебошад.

Диссертатсияи мазкур, ки аз тарафи муҳаққиқ Умаралиева Т.М. таълиф ёфтааст дар асоси меъёр (стандарт)-ҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзи овардани иқтибосот, шарҳу тафсирот, пойварақҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда мутобиқи талаботи меъёрҳои муосири таълифи диссертатсияҳои доктори ву номзадӣ сурат гирифтааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда автореферати мазкур аз камбудиву норасоиҳо низ орӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи кори таҳқиқи хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Дар раванди ҷамъоварии истилоҳоти марбути кишоварзӣ аз сарчашмаҳои зиёде иқтибос овардааст. Хуб мешуд, ки ҳар як истилоҳоти марбутаро муаллиф бо тафсироташ нишон медод.
2. Агар муаллиф дар заминаи таҳқиқотҳои забоншиносони хориҷӣ кори худро анҷом медод хеле хуб мешуд.
3. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферати мазкур ғалатҳои услубиву имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд (с.15, 18, 19 ва ғ.).

Дар маҷмуъ, норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашударо халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо ислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва ба дастовардҳои илмии муҳаққиқ Умаралиева Т.М. таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мутобиқ буда, гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муаллифи диссертатсияро комилан бозгӯ менамоянд.

Ҳамин тавр, автореферати Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо)»

ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Муқарризи ғайрирасмӣ:
Муаллими калони кафедраи
забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Гулихандони Маликнеъмат

Имзои «Гулихандони Маликнеъмат»-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Зоирхонзода Ф.З.

**Суроға:** 734003 ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (992 37) 224-17-86
www.apa.tj
Телефон: (+992)92 723 47 91;
E.mail: mgr-2015@mail.ru.